ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.09.2022, №13

Барои сазовор донистани Нодирова Мавзуна Акбаршоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.0101 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.

Диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 07 июли соли 2022, суратмаҷлиси №7 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Нодирова Мавзуна Акбаршоевна 7-уми ноябри соли 1981 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2003 факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси журналист хатм кардааст. Аз соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба кори таҳқиқӣ машғул аст. Аз моҳи сентябри соли 2016 то ин замон дар вазифаи мудири бахши кор бо лоиҳаҳои инноватсионии раёсати илми муассисаи мазкур фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология, декани факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сироҷиддини Эмомалӣ.

Муқарризони расмӣ: Тағоймуродов Рустам Ҳакимович – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва **Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна** – номзади илми филология, сармуаллими кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Бобоҷон Ғафуров». Муқарризони расмӣ ба диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа – номзади илми филология, профессор Саидраҳмон Саидов, эксперт – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт Шамсиддин Солеҳов, котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология, дотсент Абдуҳамид Шоев ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих, профессор Аҳлиддин Ибодуллозода пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи баррасишаванда иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Нодирова, М.А. Ҳунари портретофарии Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/5. – С. 252-255.

[2-М]. Нодирова, М.А. Тасвири бадеӣ ва воқеӣ дар романи «Фирдавсӣ»- и Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2018. – №2-3 (30-31). – С. 60-65.

[3-М]. Нодирова, М.А. Рӯдакӣ дар тасвири Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 178-181.

[4-М]. Нодирова, М.А. Маҳорати муколамаофарии Сотим Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» / М.А. Нодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 272-276.

[5-М]. Нодирова, М.А. Ҷанбаи таърихии романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №1. – С. 128-135.

[6-М]. Нодирова, М.А. Маҳорати нақшофарии Сотим Улуғзода дар тасвири Шивоҷӣ / М.А. Нодирова // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2021. – №2 (42). – С. 146-150.

[7-М]. Эмомалӣ С., Нодирова, М.А. Чеҳраҳои таърихӣ дар повести «Ривояти суғдӣ»-и Сотим Улуғзода / С. Эмомалӣ, М.А. Нодирова // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2021. – №3 (43). – С. 86-90.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[8-М]. Нодирова, М.А. Симо ва нақши Шивоҷӣ дар осори Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Масъалаҳои мубрами филология, ҷомеашиносӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. – С. 96-100.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи номзади илми филология, муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликшозода Шобегим мусбат буда, дар он се эрод манзур шудааст: 1) Дар автореферати диссертатсия ниҳоят кам ҳам бошад, баъзан хатоиҳои имлоӣ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 3, 5, 15, 18; 2) Баъзе ҷумлаҳо мантиқан хароб буда, ба таҳрири пурра ниёз доранд, аз ҷумла дар саҳифаи 16 дар ҷумлаи зерин ду бор такрор омадани калимаи тасвир мантиқи ҷумларо хароб кардааст: «Сотим Улуғзода дар тасвири Шивоҷӣ ӯро инсони содиқ, меҳрубон, якрӯю якдил, муборизи роҳи озодӣ, хизматгори мардум, тарабафзои халқ ба қалам дода, симои ӯро чун шахси намунавӣ, ҳунарашро моя тарғиб ва пайравию посдорӣ ва қобили омӯзишу тараннум тасвир намудааст»; 3) Дар фишурда гоҳе хатоиҳои техникӣ низ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо бар нафъи кор хоҳад буд, аз ҷумла, дар саҳифаҳои 4, 7.

2. Дар тақризи номзади илми филология, директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» Аминов Абдуфатоҳ қайд гардидааст, ки автореферати диссертатсияи Нодирова Мавзуна ба талаботи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад. Дар тақриз дар баробари зикри дастовардҳо баъзе норасоиҳои автореферат низ нишон дода шудаанд: 1) Унвони автореферат ва диссертатсия – «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» номгузорӣ шуда, ба назари мо, агар «Тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» мешуд, ба мақсад мувофиқ буд; 2) Ҳарчанд кори диссертатсионӣ «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» унвон дошта бошад ҳам, аммо ба ҷуз аз Шивоҷӣ тасвири дигар чеҳраҳои фарҳангӣ ба мушоҳида намерасад; 3) Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дар саҳифаҳои 8, 14, 18 ба назар мерасанд.

3. Тақризи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шамшоди Ҷамшед мусбат буда, дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид шудаанд. Муқарриз қайд менамояд, ки «дар баробари ҳамаи ин дастовардҳо аз мутолиаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар он бархе камбудиҳои техникӣ роҳ ёфта, сатҳи илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Умедворем ин камбудиҳои ҷузъӣ аз ҷониби диссертант мавриди бознигарӣ ва таҳриру такмил қарор дода мешаванд».

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси ичро кардани таҳқиқи илмӣ:

- унвонҷӯ Нодирова Мавзуна Акбаршоевна бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаи тасвири чеҳраҳои адаию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси осори Сотим Улуғзода – «Ривояти суғдӣ», «Марги Ҳофиз», «Восеъ», «Фирдавсӣ», «Рӯдакӣ», «Ҷавонии Сино», «Алломаи Адҳам ва дигарон», «Қисмати шоир» ва «Ибни Сино» сурат гирифта, тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти нависанда ва ҳунари симоофаринии ӯ дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шудааст;**
- нақши асноду ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва таносуби онҳо бо тахайюли бадеии нависанда **баррасӣ гардида**, равишҳо ва хусусиятҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар осори Сотим Улуғзода **муайян гардидаанд;**

– заминаҳо ва марҳилаҳои пайдоишу ташаккули диди таърихии Сотим Улуғзода, вижагиҳои осори мансури ӯ ва ҳунари портретофарии нависанда **таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**;
– таъсир ва нақши чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар ташаккули шахсият ва рушду такомули ҳунари эҷодии Сотим Улуғзода **исбот шудаанд;**
– мухтассоти тасвири симои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Шивоҷӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ дар осори Сотим Улуғзода **коркард ва муайян карда шудаанд**.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ осори илмию назарии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Г.А. Подкоритов, Б.И. Бурсов, Ю.М. Лотман, М.М. Бахтин, А.Ф. Лосев, Б.В. Томашевский, Д.С. Лихачев, М. Шакурӣ, С. Табаров, Х. Шарифов, Х. Отахонова, А. Набавӣ, С. Бақоева, С. Эмомалӣ ва дигарон дар ҳалли масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, китобхонаӣ, хронологӣ, оморӣ ва таҳлилӣ истифода шудааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавонанд дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи адабиёти давраи нави тоҷик, таҳияи матни лексияҳо дар самти шинохти чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангию таърихӣ, махсусан, тасвири симо ва сарнавишти онҳо дар эҷодиёти Сотим Улуғзода, таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи зарурӣ, дастабандии мавзуӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани мақола ва ҷамъбасти умумии мавзуъ мустақилият зоҳир карда, дар мавридҳои зарурӣ аз машварати роҳбари илмӣ баҳраманд шудааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии ин масъала замина фароҳам овардааст.

Унвонҷӯ дар муайян намудани вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва пешфарзҳо барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ фаъолона иштирок намудааст. Муаллиф зимни омӯзиш ва таҳқиқи диссертатсионӣ ҳунари портретофарӣ ва корбурди ҳунармандонаи муколамаро зимни тасвири симо ва сарнавишти чеҳраҳои адабию фарҳангӣ таҳқиқ намуда, гузоришу маърузаҳои илмии ӯ дар маҳфилу конференсияҳо, ҳамчунин, диссертатсияи манзуршуда ва мақолаҳои нашршуда саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро собит месозанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2022 дар бораи сазовор донистани Нодирова Мавзуна Акбаршоевна ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, мукобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Иҷрокунандаи вазифаи
котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул.
29.09.2022